**ҚАРОРИ**
**шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ**

аз 18 августи соли 2025 ш. Душанбе

Суханронии Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзуи «Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди Резервати биосферии Ромит» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география), тақризи муассисаи пешбар - МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои география, профессори кафедраи туризм ва методикаи таълими географияи факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Муҳаббатов Х.М., номзади илмҳои геология ва минералогия, дотсенти номзади илмҳои геология ва минералогия, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва демографияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Саидова Д.Н., муқарризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои география, профессор Муртазоев У.И., доктори илмҳои геология ва минералогия Абдураҳимов С.Я., доктори илмҳои геология ва минералогия Ғафуров Ф.Г., доктори илмҳои геология ва минералогия Оспанова Н.К., доктори илмҳои физика ва математика Каримов Ф.Ҳ. ва номзади илмҳои геология ва минералогия Ниёзов А.С.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Раҳимзода Б.А. дар мавзуи «Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди Резервати биосферии Ромит» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Раҳимзода Б.А. дараҷаи илмии номзади илмҳои география дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои география ба Раҳимзода Б.А. аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 16 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои геология ва минералогия Валиев Ш.Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Ғайратов М.Т.